## ТАҚРИЗИ

муқарризи холис ба диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар марҳалаи имрӯза рушд ва такмили низоми таълими мактабӣ, омӯзиш ва баҳисобгирии таснифҳои фардии хонандагон, дар онҳо ташаккул ёфтани талаботи ангезанокии соҳаи фаъолияти таълимӣ ба аҳамияти бағоят муҳим маҳсуб меёбад. Ҳаллу фасли ин масъалаҳо аз илми психологӣ-педагогӣ тақозо мекунад, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти хонандагон ва роҳҳои ташаккули он дар раванди таълим мавриди тадқиқоти ҳаматарафа ва маҷмӯавӣ қарор дода шавад. Муносибати марбут ба рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим метавонад барои сифатан баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пояи муҳим ва арзишмандро таъмин намояд.

Бинобар ин, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад. Рисолаи мазкурро бо тозагии мавзӯи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии муаммои муҳими педагогӣ - шартҳои педагогии фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ) унвон кард, ки то кунун ба ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим» моҳияти мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» муайян гардида, хусусиятҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ таҳлил шуданд, амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ коркард гардида, хулосаҳо баровarда шудаанд.

Дар боби дувуми диссертатсия «Технологияи педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ» таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳлили методҳо, шаклҳо ва воситаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ амалӣ гардида, ҷанбаи самарабахшии технология оид ба ҷорӣ намудани амсила ва санҷиши шартҳои педагогии самтгирии аксиологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ муайян карда шудааст ва хулосаҳои дахлдор баровarда шудаанд.

Таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишии аз ҷониби муаллиф анҷомдодашуда аз рӯи мавзӯи рисола, фарзияи ташаккулёфтаро тасдиқ намуданд ва имкон доданд, ки хулоса ва тавсияҳои зерин таҳия карда шаванд:

Принсипҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ инҳоянд:

1. Принсипи ангезиш.

2. Принсипи проблеманокӣ.

3. Принсипи инфиродигардонӣ.

4. Принсипи инкишоф.

5. Принсипи фаъолнокӣ.

6. Принсипи муваффақияти таълим.

Зери шартҳои педагогӣ мо маҷмӯи омилҳои бо ҳам алоқамандро мефаҳмем, ки барои раванди ҳадафмандонаи таҳсилот бо истифодаи таъминоти дидактикии аз ҷиҳати педагогӣ муфид заруранд.

*Шарти якуми педагогии* фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ - баланд бардоштани ангезиши таълимии мактаббачагон дар дарсҳои фанҳои биологӣ.

*Шарти дувуми педагогии* фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ - истифодаи методҳои фаъоли таълим дар раванди фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон зимни таълими фанҳои биологӣ.

*Шарти севуми педагогии* фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ - ташкили фаъолияти маърифатии инфиродӣ ва коллективӣ.

Таҳлили назариявӣ, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, коркарди миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои он аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо инобати имконоти асосии педагогӣ ба беҳтар шудани вижагиҳои когнитивии ташаккули психологии хонандагон, афзоиши ангезанокии фаъолияти таълимӣ, ташаккули саводнокии хонандагон оварда мерасонад ва мувофиқан, фарзияи тадқиқотро тасдиқ менамояд.

Дар умум, диссертатсияи Дадобоева М.Б. кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва рисола ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда мешавад.

Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси
МДТ "ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров" Нематов Парвиз Сатторович

*Имзои П.С.Нематовро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров"* *Наврузов Э.М.*